*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 68 (4808) | ЧОРШАНБЕ, 29 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ҲОМИЁНИ СОДИҚИ ВАТАН

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба муносибати 30-юмин солгарди таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ**

**шаҳри Душанбе, 28-уми майи соли 2024**

**Рафиқон генералҳо ва афсарону сарбозони Қӯшунҳои сарҳадӣ!**

**Намояндагони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори ҷашни сиюмин солгарди таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик мегӯям.

Ҳифзу ҳимояи сарҳади давлатӣ, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии давлат ба зиммаи Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳамчун ҷузъи муҳими Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол гузошта шудааст.

Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ ин масъулияти бузурги шаҳрвандӣ ва рисолату қарзи муқаддаси фарзандии худро аз оғози таъсисёбии ин сохтори низомӣ то имрӯз бошарафона анҷом дода истодаанд.

Натиҷаи ҳамин хизмати содиқона ва нангу номуси шумост, ки имрӯз давлат ва мардуми Тоҷикистон дар симои хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳомиёни содиқи марзу буми Ватан, муҳофизони боэътимоди оромиву осудагии ҷомеа ва дастовардҳои даврони истиқлоли давлати тоҷиконро мебинанд ва қадрдонӣ мекунанд.

Қӯшунҳои сарҳадии мо дар таърихи начандон тӯлонии мавҷудияти худ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ба яке аз сохторҳои неруманду муназзами Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар мубаддал гардида, ҳоло бо асосҳои мустаҳками моддиву техникӣ, шароити муосир ва муҳимтар аз ҳама, ҳайати фармондеҳӣ ва мутахассисони баландихтисоси низомӣ таъмин мебошанд.

Бояд гуфт, ки эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ ва дӯст доштани ҳар ваҷаб хоки Ватан аз ҷумлаи арзишҳои муқаддас ва суннатҳои бостонии миллати тоҷик мебошанд ва тамоми фарзандони қаҳрамони халқамон, ки мо имрӯз ному корномаи онҳоро бо ифтихор ба ёд меоварем, маҳз фидокорони роҳи ҳимояи марзу буми Ватан ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ буданд.

Маҳз, ба ҳамин хотир, зарур аст, ки ҳар як сарбозу афсар, аз ҷумла шумо - марзбонони шуҷоъ моҳияти ватандорӣ ва истиқлолу соҳибихтиёриро амиқан дарк кунед ва бо ҷону дил эҳсос намоед, ки Ватан - Модар мафҳумҳои муқаддас ва истиқлолу озодӣ неъмати бузург барои ҳар яки мо мебошанд.

Муборизаи ватанхоҳонаи яке аз сарлашкарони беҳамтои миллати мо – Спитамен саҳифаи дурахшони корнамоиву фидокории таърихӣ ба хотири ҳифзи сарзамини аҷдодӣ аз ҳуҷуми аҷнабиён ба ҳисоб меравад.

Чунин мисолҳои муборизаву қаҳрамониҳо дар таърихи чандинҳазорсолаи халқамон собит месозанд, ки ҳимояи Ватан дар ҳамаи давру замонҳо барои ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпараст, аз ҷумла шумо – сарҳадбонон, ки вориси арзандаи гузаштагони некноми худ мебошед, нишонаи ҷавонмардиву шараф мебошад. Бинобар ин, хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд аз таърихи ибратомӯзи миллати сарбаланду озодихоҳ, соҳибмаърифату тамаддунсоз ва созандаву ободгари тоҷик сабақи ҷоннисориву мардонагӣ омӯзанд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат ба ҷасорату далерӣ ва хизмати содиқонаву софдилонаи хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ арҷ мегузорад, шуҷоату фидокорӣ ва хизматҳои шоёни фарзандони бонангу номуси Ватанро, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ барои ҳимояи марзҳои кишвар ҷони худро аз даст додаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунад.

Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти масъулият ва мушкилоти хизмати марзбонӣ дар қатори дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои фароҳам овардани шароити мусоид ва боз ҳам беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии онҳо ҳамаи имкониятҳоро равона месозад.

Имрӯз вазъи бисёр ҳассосу ноороми минтақа ва ҷаҳон, инчунин, ҳалли масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатамон аз сарҳадбонон талаб мекунад, ки беш аз ҳар вақти дигар зираку ҳушёр бошанд, омодабошии худро мунтазам баланд бардоранд ва ба иҷрои рисолати касбии худ дар назди Ватан – Модар бо масъулияти бештар муносибат намоянд.

Беш аз се даҳсола инҷониб Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо хатарҳои муосири ҷаҳонӣ, аз ҷумла ифротгароӣ ва терроризм, қарор дорад ва дар пешгирӣ кардани паҳншавии ин хатару таҳдидҳо ба минтақа ва ҷаҳон нақши калидӣ мебозад.

Бо эътимоди комил изҳор медорам, ки ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ анъанаҳои деринаи аҷдоди накӯном ва давлати соҳибистиқлоламонро идома дода, ҳимояи марзи муқаддаси Ватани азизамонро минбаъд низ бо интизоми намунавӣ, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ва садоқат ба Савганди ҳарбӣ таъмин хоҳанд кард.

Бовар дорам, ки шумо - марзбонони шуҷои Ватан ҳамчун ҷавонмардони бонангу номуси миллат дар оянда низ на танҳо дар ҳимояи боэътимоди сарҳади давлатӣ, инчунин, дар рушду пояндагии давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёри тоҷикон, ки ормони ҳазорсолаи ниёгони некноми мо мебошад, пешсафу намуна хоҳед буд.

Бори дигар ҳар яки шумо - муҳофизони шуҷои марзу буми Ватанро ба ифтихори сисолагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ самимона табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо тандурустиву хонаи обод, рӯҳи матин ва иродаи қавӣ орзумандам.

**Ҷашн муборак, марзбонони шуҷои Ватан!**

## СИПАРИ МУҶАҲҲАЗУ БОЭЪТИМОД

**Табрикоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба Рӯзи Қӯшунҳои сарҳадӣ**

**шаҳри Душанбе, 28-уми майи соли 2024**

**Ҳамдиёрони азиз!**

**Марзбонони ҷасури Ватан!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи Қӯшунҳои сарҳадӣ ва 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику муборакбод намуда, ба ҳар яки шумо тансиҳатӣ, хотирҷамъӣ ва хушбахтиву комёбиҳо орзумандам.

Мо имрӯз аз он ифтихор мекунем, ки неруҳои марзбони кишвар зодаи даврони истиқлоли Ватани маҳбубамон буда, ҳамчун сипари боэътимод марзу буми сарзамини аҷдодӣ, амнияти давлат ва осоиши ҷомеаро бо ҳисси баланди ватандӯстӣ таъмин карда истодаанд.

Роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат тайи ин солҳо ба масъалаи таҳкиму таъмини ҳамаҷонибаи ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳамчун рукни муҳимтарини Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат таваҷҷуҳ ва эътибори хоса дода, барои фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ ба ҳайати шахсӣ тадбирҳои бетаъхир андешида истодааст.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки Қӯшунҳои сарҳадии мо ҳоло ба як сохтори ҳарбии аз лиҳози техникӣ муҷаҳҳазу муосир ва василаи боэътимодтарини ҳифзи хати сарҳадии кишвар табдил ёфтаанд.

Марзбонони шуҷоъ ва хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ шабу рӯз дар сафи пеши ҳифзи дастовардҳои истиқлол, ваҳдати миллӣ, суботу амният ва зиндагии осоиштаи мардуми шарифи Тоҷикистон қарор доранд ва дар ин арсаи пурмасъулияту пурифтихор содиқона хизмат мекунанд.

Бори дигар кулли ҳамватанон ва хосатан генералҳо, афсарон, прапоршикҳо ва сарбозони Қӯшунҳои сарҳадиро бо ин ҷашни пуршукӯҳ самимона табрик мегӯям ва ба ҳар яки онҳо, пеш аз ҳама, саломатӣ, рӯҳи қавӣ ва дар иҷрои вазифаҳои муқаддасашон комёбӣ орзу менамоям.

**Ҷашн муборак, марзбонони далер!**

## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ВАН ФЕНЧАО



**27-уми майи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси ҳукумати мардумии шаҳри Чэндуи Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван Фенчао мулоқот намуданд, хабар доданд аз шуъбаи иттилоотии Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.**

Дар оғози суҳбат муҳтарам Рустами Эмомалӣ Ван Фенчаоро ба шаҳри Душанбе хушомадед гуфтанд.

Таъкид гардид, ки муколамаи доимии дӯстона ва боэътимоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин омили муҳими муносибати шарикии стратегии ҳар ду давлат маҳсуб меёбад.

Ҷонибҳо густариши ҳамкориро дар сатҳи шаҳрҳои Душанбе ва Чэнду аз рӯйи самтҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн хуб арзёбӣ намуда, оид ба тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию маориф, тандурустию варзиш ва дигар соҳаҳои барои ҳар ду ҷониб манфиатбахш табодули афкор карданд.

## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАНТАНАҲОИ ИДОНА БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚӮШУНҲОИ САРҲАДӢ

**28-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати иштирок дар Рӯзи таҷлили 30-юмин солгарди таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади шиносоӣ бо вазъи будубоши ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ ба Маркази таълимии «Пойтахт» дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ташриф оварда, нахуст бинои наву замонавии чорошёна иборат аз ошхона ва хобгоҳи сарбозонро бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ ифтитоҳ намуданд.**

Ёдовар мешавем, ки 28 майи соли 2022 дар ҳудуди Маркази таълимии «Пойтахт» Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо лоиҳаи бунёди ошхона ва хобгоҳи сарбозон бо гузоштани санги асос ба корҳои сохтмонӣ оғоз бахшида буданд.

Аснои шиносоӣ бо шароити бинои нави таълимӣ Президенти кишвар бо сарбозон суҳбати самимӣ доир намуданд. Зимни суҳбат бо гурӯҳи сарбозон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимии ҳарбиро аз ҳисоби ҳамин гуна сарбозони доною зирак, ҳушёру тануманд ва ватандӯсту фаъол, ки аз мактаби ҷасорат дар қисмҳои ҳарбӣ гузаштаанд, интихоб бояд кард ва изҳори бовар намуданд, ки аз онҳо афсарону фармондеҳони беҳтарин омода кардан мумкин аст.

Бино барои омода намудани мутахассисони хурди сарҳадӣ нигаронида шуда, бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз аст. Шароити зарурӣ имкон фароҳам меорад, ки минбаъд мутахассисони хурди сарҳадӣ омода карда шуда, ҳамчун сарбозону афсарони содиқ бо дарки баланди масъулияти ватандорӣ марзу буми давлатро ҳифзу ҳимоят намоянд.



Иншоот дар доираи дастуру ҳидоятҳои роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пайравӣ аз иқдомҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо саҳмгузории соҳибкорони ватанӣ мутобиқ ба талаботи муосир сохта шудааст.

Зимни боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати шахсӣ ва масъулинро вазифадор намуданд, ки ба сифати хӯроки сарбозон ва ғизонокии он диққати аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Мавриди зикр аст, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ бо ташаббус ва таваҷҷуҳи хоси Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои моддию техникии Қӯшунҳои сарҳадӣ мукаммал гардида, сафи Артиши миллӣ ва воҳидҳои низомӣ бо кадрҳои баландихтисос, ботаҷриба ва далеру содиқи Ватан пурра карда мешавад.

Инчунин, ҳайати шахсӣ имкон дорад нозукиҳои хизмати сарҳадӣ ва нишонзаниро дар майдончаи омӯзишӣ аз худ намуда, малакаи касбӣ ва омодабошии ҷангии худро ҷиҳати муҳофизати сарҳади давлатӣ сайқал диҳад. Имрӯзҳо дар ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ дар баробари мардон, бонувон низ содиқонаю софдилона фаъолияти босамар доранд, ки ин намунаи баланди шуҷоату шарафмандӣ ва нангу номуси ватандорӣ мебошад.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасони Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд, дидан карданд. Дар намоишгоҳ номгӯи зиёди сабзавоту полезӣ, меваҷот, ғалладона ва маҳсулоти консервашуда муаррифӣ гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти Қӯшунҳои сарҳадиро барои истифодаи босамар аз ҳар қитъа замин, ки дар ихтиёри хоҷагиҳои ёрирасон аст, ҳидоят карданд. Дастур дода шуд, ки кишту парвариши маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тоза бештар карда шуда, қисме аз он барои фаслҳои тирамоҳу зимистон захира карда шавад.

Бо эҳсоси баланди худшиносӣ ва омодагии пайваста риояи талаботи оинномаҳо ва интизоми қатъии ҳарбӣ асоси фаъолияти ҳаррӯзаи афсарону сарбозони Қӯшунҳои сарҳадиро ташкил медиҳад. Ҳамин аст, ки ҳамарӯза дар ин маркази таълимӣ афсарону сарбозони бонангу номус тавассути гузаронидани машқҳои ҳарбӣ малакаи касбии худро сайқал дода, хизмати Ватан-Модарро содиқонаю софдилона адо менамоянд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



# МУБОДИЛАИ БАРҚИЯҲОИ ТАБРИКӢ

**27-уми майи соли 2024 миёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров дар робита ба 20-солагии ба имзо расидани Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мубодилаи барқияҳои табрикӣ ба амал омад.**

**Дар барқияи табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров омадааст:**
**«Муҳтарам Садир Нургожоевич,**

Дар робита ба 20-солагии ба имзо расидани Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва шарикӣ ба Шумо табрикоти самимии инҷонибро арз менамоям.

Ин санади бунёдӣ асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои кишварҳои моро дар шароити нави давлатдорӣ таҳким бахшида, заминаи мусоиди рушди ҳамкориро дар ҳама соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн фароҳам овард. Бовар дорам, ки татбиқи амалии муқаррароти аҳднома дар оянда низ барои пешбурди босамари ин раванд бар асоси усулҳои созандагӣ, равобити дӯстона, ҳамсоягии нек, эҳтиром ва эътимоди байниҳамдигарӣ хизмат хоҳад кард.

Дар ин зимн, алоқамандии ҷониби Тоҷикистонро ба идомаи муколамаи байнидавлатии ҳар ду кишвар ва талошҳои муштараки минбаъда ҷиҳати густариши бомароми робитаҳои гуногунҷанбаи ҷонибҳо таъкид менамоям.

Бо истифода аз ин фурсат ба Шумо, муҳтарам Садир Нургожоевич, сиҳатмандии бардавом ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳо, ба мардуми Қирғизистон сулҳу суботи пойдор ва пешрафту шукуфоӣ орзу менамоям».

**Дар барқияи табрикии Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта шудааст:**
**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**

Табрикоти маро ба муносибати санаи ҷашнии 20-солагии ба имзо расидани Аҳднома оид ба муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва шарикӣ байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул фармоед.

Итминони комил дорам, ки таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ дар заминаи эҳтироми ҳамдигар, эътимод, ризоият ва баробарҳуқуқӣ заминаи зарурӣ барои рушди минбаъдаи ҳамкории бисёрҷанбаи дуҷониба ташкил дода, ҷавобгӯи манфиатҳои умумии мардумони мо мебошад. Бовар дорам, ки мо дар такя ба натиҷаҳои мавҷуда ва бо талошҳои муштарак метавонем таҳкими минбаъдаи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикии мардумони Қирғизистону Тоҷикистонро таъмин намоем.

Ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, саломатии бардавом, некуаҳволӣ ва дар фаъолияти давлатиатон муваффақият, инчунин, ба мардуми Тоҷикистон сулҳу шукуфоӣ хоҳонам».

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ВЛАДИМИР КОЛОКОЛТСЕВ

**27-уми майи соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои дохилии Федератсияи Россия Владимир Колоколтсевро, ки бо сафари корӣ ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфтанд.**



Зимни суҳбат вазъ ва дурнамои ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ва Россия ва дигар мавзуъҳои муҳими дуҷониба баррасӣ шуданд. Ба ҳамкории ҳар ду кишвар дар бахшҳои муҳоҷирати корӣ ва амният таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Сарвари давлат аҳамияти таҳкими минбаъдаи робитаҳои вазоратҳои корҳои дохилӣ, инчунин, натиҷаҳои пурсамари кори муштараки сохторҳои дахлдори ҳар ду давлатро дар самти пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо, мубориза бо терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар шаклҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ таъкид намуданд. Бо қаноатмандӣ ба кӯшиши ҷонибҳо ҷиҳати татбиқи амалии тавофуқоте, ки чанде қабл дар сатҳи олӣ оид ба ҳалли мушкилоти соҳаи муҳоҷират ҳосил шуда буданд, ишора гардид.

Пешвои миллат бахусус, аҳамияти қабули тамоми чораҳои заруриро баҳри таҳкими ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии муҳоҷирони кории тоҷик, ки дар қаламрави Федератсияи Россия қарор доранд, таъкид намуданд.

Қобили зикр аст, ки вазири корҳои дохилии Федератсияи Россия ҳамроҳ бо ҳайати калони ҳукуматӣ барои баргузории даври навбатии музокирот оид ба маҷмӯи масъалаҳои ҳамкории ҷонибҳо дар соҳаи муҳоҷират ба Душанбе ташриф овардааст.

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАНТАНАҲОИ ИДОНА БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҚӮШУНҲОИ САРҲАДӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Қобил ба тазаккур аст, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи чанд соли охир дар саросари мамлакат як қатор биною иншооти аҳамияти ҳарбидошта, комиссариатҳои ҳарбӣ, хонаҳои истиқоматӣ барои афсарон ва оилаҳои онҳо ва дигар иншооти ёрирасони низомӣ бунёд меёбанд.

Ин аст, ки имрӯз Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳамчун такягоҳи боэътимоди давлат ташаккул ёфта, дар сафи пеши ҳимояи сулҳу суботи сартосарӣ, мубориза бар зидди қочоқбарон, пешгирии убури хати сарҳади давлатӣ ва дигар омилҳои халалдоркунандаи оромии кишвар қарор дорад.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати шахсиро барои истифодаи



муфид аз имконияти фароҳамшуда, муҳофизати сарҳади давлатӣ, пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолу озодии Ватан ва зиндагии ороми мардум вазифадор намуданд.

**28-уми майи соли равон дар Маркази таълимии «Пойтахт»-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо гузоштани санги асос ба сохтмони панҷ бинои истиқоматии 16-ошёна бо 840 манзили истиқоматӣ барои афсарони Қӯшунҳои сарҳадӣ оғоз бахшиданд.**

Зимни шиносоӣ бо тарҳи лоиҳа ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки биноҳо ҳар кадоме шакли муосир дошта, ҷавобгӯ ба талаботи замон сохта хоҳанд шуд.

Дар ошёнаҳои якум ва дуюми биноҳои истиқоматӣ марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, муассисаи томактабӣ, марказҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хизматрасонии тиббӣ ва коргоҳи дӯзандагӣ сохта мешавад.

Тибқи лоиҳа, дар ҳавлии биноҳои 16-ошёна, ки барои хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадӣ пешбинӣ шудааст, ҳамчунин, зеристгоҳ, дегхона, майдончаҳо барои бозии кӯдакон ва дигар иншооти ёрирасон бунёд мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат масъулинро ба иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ вазифадор намуда, таъкид доштанд, ки ин биноҳо бояд ба таври замонавӣ ва мутобиқ ба меъёрҳои шаҳрсозӣ сохта шаванд, то ки солҳои зиёд ба хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадӣ хизмат намоянд.

**28-уми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар паради ҳарбӣ ба муносибати 30-юмин солгарди таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карданд.**

Қабл аз оғози паради ҳарбӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадиро бо 30-солагии таъсисёбии ин ниҳоди муҳими Қувваҳои Мусаллаҳ табрику таҳният гуфтанд.

Баъди анҷоми паради ҳарбӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе бахшида ба 30-юмин солгарди таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинои нави Ситоди отряди таъиноти махсусро ифтитоҳ намуда, ҳамзамон, аз фаъолияти коргоҳи истеҳсоли воситаҳои техникӣ боздид намуданд.



Иншооти тозабунёд дар заминаи қисми ҳарбии мазкур сохта шудааст. Бинои ситод аз ҳуҷраҳои кории роҳбарияти қисми ҳарбӣ, синфхонаҳои дарсӣ, хонаи фароғати афсарону сарбозон, дафтардорӣ, хобгоҳ ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст. Дар он ҷо, ҳамчунин, барои афсарону сарбозони қисми ҳарбӣ хобгоҳ пешбинӣ шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нуқтаи идоракунии отряди таъиноти махсуси Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи онлайн (маҷозӣ) як қатор иншооти нави соҳаро ифтитоҳ карда, бо рафти машқҳои тактикию таълимӣ шинос шуданд.

Ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо иштироки Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маркази таълимӣ-саҳроии «Лоҳур»-и Қӯшунҳои сарҳадӣ, маҷмӯи манзилҳои истиқоматӣ ва кӯдакистон барои ҳайати шахсии Отряди сарҳадии «Ҳамадонӣ», толори варзиш дар Муассисаи давлатии таълимии Гимназияи ҳарбии ворисони «Куруши Кабир» ва дидбонгоҳҳои сарҳадӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба истифода дода шуд.

Сардорони муассисаву дидбонгоҳҳои нав ба Президенти кишвар дар бораи омодагии ҳайати шахсӣ гузориш доданд. Ҳамчунин, дар нуқтаи идоракунӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рафти машқҳои тактикию таълимиро, ки аз Маркази таълимӣ - саҳроии «Лоҳур» аз ҷониби сарбозону афсарони таъиноти махсуси Қӯшунҳои сарҳадӣ намоиш дода шуд, назорат намуданд.

Ҳамарӯза дар дидбонгоҳҳои сарҳадӣ афсарону сарбозони бонангу номус бо истифода аз шароити замонавие, ки давоми ду соли охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардааст, ба такмили маҳорати ҳарбӣ машғул шуда, дар посух ба ғамхориҳои доимии Роҳбари давлат хизмати Ватан-Модар ва ҳимояи марзу буми Тоҷикистони соҳибистиқлолро шарафу номуси миллӣ маънидод мекунанд.

Минбаъд аз нуқтаи идоракунӣ сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври видеоӣ назорат карда шуда, барои дар мавридҳои зарурӣ бо командирони қисмҳои ҳарбӣ ва раёсатҳои минтақавӣ гузаронидани суҳбатҳои мустақим имконият мутобиқ ба талабот муҳайё гардидааст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар отряди таъиноти махсуси Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Кохи «Деваштич» боздид намуданд.

Кохи «Деваштич» аз иншооти ҷашнии 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ маҳсуб мешавад, ки дар давоми камтар аз як сол бо сатҳу сифати баланд бунёд шудааст. Бинои нав аз Осорхонаи Пешвои миллат, толори бошукӯҳи маҷлис ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Ҳамчунин, дар он ҷо маълумот дар шакли хаттиву тасвирӣ дар бораи марҳилаҳои ташаккул ва мукаммалгардонии Қӯшунҳои сарҳадӣ ва адабиёти зиёди бадеиву соҳавӣ ҷой дода шудааст, ки сарбозону афсарони отряди мазкур метавонанд ба мутолиаи китобҳо машғул шаванд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити осорхона дар китоби меҳмонони фахрӣ сояндаст гузоштанд.

Толори калону барҳавои Кохи «Деваштич» барои баргузории чорабиниҳои гуногуни ҳарбӣ - ватандӯстӣ ва дигар ҷамъомадҳо пешбинӣ шуда, дорои 415 ҷойи нишаст мебошад.

Ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ дар отряди таъиноти махсуси Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ парки мошинҳои зиреҳпӯши низомӣ, толори тирпарронии таълимӣ-интерактивӣ, машқгоҳи тирпарронии мураккаби печдарпеч, толори варзиш ва ошхона бунёд шудааст, ки бо тамоми шароит таъмин мебошад. Парки мошинҳои зиреҳпӯш ва ҳарбӣ аз зумраи иншооти навбунёд мебошад, ки дар он барои дар ҳолати хуби омодабошӣ тайёр намудани техникаҳои махсуси ҳарбӣ мутахассисони варзидаи соҳавӣ ҷалб карда мешаванд.

**28-уми майи соли 2024 дар Кохи Борбад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афсарону сарбозони Қӯшунҳои



сарҳадӣ, намояндагони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро ба муносибати санаи таърихӣ ва Рӯзи сарҳадбонон табрику таҳният гуфтанд.

- Мехоҳам бо ифтихору сарфарозӣ иброз намоям, ки дар тӯли сӣ соли сипаришуда марзбонони мо қарзи фарзандии худро дар ҳимояи марзҳои муқаддаси Ватан-Модар ва давлати соҳибихтиёри тоҷикон бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва бо шуҷоату далерӣ иҷро намуда, ин рисолати хешро ҷавонмардона идома дода истодаанд, - изҳор доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз корнамоию ҷоннисории фарзандони шуҷои тоҷик, мисли Муқаннаъ, Шерак, Спитамен, Деваштич, Темурмалик, Восеъ ва даҳҳову садҳо нафари дигар, ки дар тӯли давраҳои гуногуни таърихи тоҷикон барои ҳимояи марзу буми сарзамини аҷдодӣ мубориза ю ҷоннисорӣ кардаанд, ёдовар шуданд.

Ба андешаи Президенти кишвар: «Ҳимояи Ватан ва марзу буми он аз азал дар тору пуди миллати сарбаланди мо сиришта шудааст».

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи даврони ниҳоят ҳассосу мураккаби таърихи навини кишвар андешаронӣ карда, иброз доштанд, ки Қӯшунҳои сарҳадии мо аз аввали рӯзҳои таъсисёбӣ то имрӯз ҳамчун сохтори муназзаму муҷаҳҳаз дар хати пеши муқовимату мубориза бар зидди қочоқи силоҳу лавозимоти ҷангӣ, маводи мухаддир ва вайронкунандагони низоми сарҳади давлатӣ қарор доранд.

Таъкид гардид, ки бо дарки аҳамияти махсуси неруҳои сарҳадбон Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз оғози таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ доир ба фароҳам овардани заминаҳои муосири меъёрии ҳуқуқӣ, таҳкими асосҳои моддию техникӣ, бунёду навсозӣ ва таҷҳизонидани инфрасохтори сарҳадӣ ва омодасозии мутахассисони касбӣ тадбирҳои зиёде амалӣ намуд.

Имрӯзҳо барои марзбонон тамоми шароити мусоиди пеш бурдани хизмат, машқу таҳсил, зиндагӣ, истироҳат ва варзиш муҳайё мебошад. Дар ин самт саҳми соҳибкорони бонангу номуси ватанӣ ҳам бисёр арзишманд арзёбӣ карда шуд.

Таъмини Қӯшунҳои сарҳадӣ бо техникаи ҳарбӣ низ сол ба сол беҳтар ва маблағгузорӣ ба ин мақсад мунтазам зиёд мешавад.

Давлат ва Ҳукумати кишвар хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадиро барои ҷасорату ҷоннисориҳояшон ҳамеша бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои низомӣ сарфароз мегардонад.

Бо назардошти авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳон Ҳукумати кишвар ва роҳбарияти Қӯшунҳои сарҳадӣ аз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш гирифтанд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани шароити зиндагию хизмат, омода кардани кадрҳои ҷавон ва таъмини ҷузъу томҳо бо техникаю таҷҳизоти махсус мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Роҳбарияти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Қӯшунҳои сарҳадӣ вазифадор карда шуданд, ки корро дар самти мукаммал гардонидани ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо кадрҳои баландихтисос боз ҳам беҳтар ба роҳ монанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар вазъияти печидаи ҷаҳони имрӯза масъулияти ҳамаи сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хусусан, марзбонон даҳчанд меафзояд. Онҳо бояд беш аз ҳар вақти дигар зираку ҳушёр бошанд ва омодагии худро ҳамеша дар сатҳи баланд нигоҳ доранд.

Дар фароварди суханронӣ Президенти кишвар бо эътимоди комил иброз доштанд, ки хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ садоқати худро ба Ватан-Модар бо хизмати шоиста, такмили пайвастаи донишу малакаи касбӣ, маданияти баланди шаҳрвандӣ, ҷаҳонбинии солим, зиракию ҳушёрӣ, ҷасорату далерӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва аз ҳама боло гузоштани манфиатҳои давлату миллат собит менамоянд.

Ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати таҷлили 30-юмин солгарди таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо барномаи рангини консертии устодони санъати тоҷик, ки таҷассумгари дастовардҳои Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ мебошад, идома ёфт.

**www.prezident.tj**

# ТАҚДИМИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ ВА РУТБАҲОИ ҲАРБӢ БА ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

**27-уми майи соли 2024 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбӣ мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ тақдим намуданд.**



Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматчиёни ҳарбиро ба ифтихори 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарфароз гардиданашон бо мукофотҳои давлатию рутбаҳои олии ҳарбӣ табрику таҳният гуфтанд.

Сарвари давлат бо қаноатмандӣ иброз доштанд, ки хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ сипари боэътимод ва ҳомиёни марзу буми сарзамини аҷдодиамон, яъне кафолати истиқлолу озодии давлату миллат, фазои орому осудаи кишвар ва ваҳдату сарҷамъии мардуми шарифи Тоҷикистонро сарбаландона ва ҷавонмардона таъмин карда истодаанд.

- Тоҷикистон беш аз се даҳсола дар сафи пеши мубориза бо хатарҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳу маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қарор дорад ва дар пешгирӣ кардани паҳншавии ин хатару таҳдидҳо ба минтақа ва ҷаҳон нақши калидӣ мебозад,- таъкид намуданд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти мамлакат иброз доштанд, ки сарҳадбонони кишвар дар давраҳои бисёр ҳассоси таърихи давлат ва халқи тоҷик рисолати худро содиқона иҷро намуданд ва ба эътимоду эҳтироми мардуми Тоҷикистон сазовор гардиданд.

Вобаста ба вазъи мураккаби минтақа ва ҷаҳон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ин ҳолат тақозо менамояд, то ҳар як сарбозу афсари Қӯшунҳои сарҳадӣ барои ҳимояи хоки муқаддаси Ватани азизамон беш аз ҳар вақти дигар ҳушёру зирак ва омода бошад.

Зимни суханронӣ Президенти кишвар бо итминон изҳор доштанд, ки ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳимояи марзҳои муқаддаси Ватани азизамонро минбаъд низ бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ, интизоми намунавӣ, садоқат ба савганди ҳарбӣ ва масъулият дар назди давлат, сарзамин ва ҷомеаи кишвар таъмин хоҳанд кард.

Бояд гуфт, ки ҳамасола дар арафаи иду ҷашнҳои миллию давлатӣ хизматчиёни ҳарбии мамлакат аз ҷониби Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои ҳарбӣ сарфароз гардонда мешаванд.

Ҳамин тавр, ин навбат мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои хизмати намунавӣ ва саҳми арзанда дар ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ҷасорату фидокорӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбӣ бо мукофотҳои давлатӣ, аз ҷумла ордени Шараф дараҷаи 2, медали Ҷасорат, медали Хизмати шоиста, медали Шафқат, медали Марзбони шуҷои Тоҷикистон, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфароз гардонида шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афсарону сарбозон ва дигар хизматчиёни ҳарбиро ҳамеша барои хизмати намунавӣ ва саҳми арзанда дар ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ҷасорату фидокорӣ, таъмини амнияти давлату миллат бо мукофотҳои давлатӣ қадр мекунанд.

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани рутбаҳои олии ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбии ин ниҳод рутбаҳои олии ҳарбии «Генерал - майор» супорида шуд.

Бо назардошти нақши муҳими Қӯшунҳои сарҳадӣ, давлат ва Ҳукумати мамлакат аз нахустин рӯзҳои таъсисёбии ин ниҳод то имрӯз бо истифода аз шароиту имкониятҳои мавҷуда барои ташкили асосҳои зарурии моддию техникӣ, ташаккули сохтори идоракунии ҷузъу томҳои сарҳадбонӣ, бунёду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии иншооти сарҳадӣ ҳамаи тадбирҳои зарурӣро амалӣ намуда истодааст.

Инчунин, масъалаи таълиму тарбияи кадрҳои баландихтисоси марзбонӣ ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати кишвар қарор дорад. Айни ҳол иқтидори ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ аз лиҳози таъминот бо кадрҳои соҳибтахассуси низомӣ ва техникаю таҷҳизоти ҳарбӣ хеле мустаҳкам гардидааст.

Дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи хизматчиёни ҳарбиии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллиро барои сазовор шудан бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ шодбош гуфта, онҳоро ба хизмати содиқона бар нафъи давлату миллат, таъмини амнияту суботи сарзамин ва ҳифзи марзи давлатӣ ҳидоят намуданд.

Дар охир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон карданд, ки ҳамаи хизматчиёни ҳарбӣ вазифаи бошарафу муқаддаси худро бо садоқат ба Ватан, давлат, миллат ва савганди ҳарбии худ, бо интизоми қавӣ, донишу малакаи муосир ва муҳимтар аз ҳама, бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ иҷро менамоянд.

**www.prezident.tj**

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН



**Бисту ҳафтуми майи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Ҳамчунин, масъала «Оид ба баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ гардида, вобаста ба он Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти органикӣ» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ҶАЛАСАИ КОМИССИЯИ ДОИМИИ АП ИДМ

**Дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи парламентӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ баргузор гардид. Комиссия 14 масъала, аз ҷумла пешниҳоди сенаторҳои Қазоқистон дар бораи таҳияи қонуни намунавӣ «Дар бораи танзими ҳуқуқии мубориза бо хушунати хонаводагӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дод.**



Ҷаласа таҳти раёсати раиси комиссияи мазкур, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дар реҷаи фосилавӣ баргузор гардид.

Вакилон, ҳамчунин, раиси Комиссияи доимии Шурои Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус оид ба корҳои байналмилалӣ ва амнияти миллӣ Сергей Сиветс ва вакили Маҷлиси Ҷогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон Сеидбек Атамбоевро муовиноми раиси комиссия интихоб намуданд.

Иштирокчиёни ҷаласа доир ба лоиҳаҳои қонунҳои намунавӣ «Дар бораи шартномаҳои нигаҳдорӣ», «Дар бораи шартномаҳои миёнаравӣ», «Дар бораи шартномаҳои шарикии одӣ», «Дар бораи шартномаҳои додани амвол барои истифода», «Дар бораи шартномаҳои иҷрои кор» низ табодули афкор намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**





# ҲИМОЯИ ВАТАН ВА МАРЗУ БУМИ ОН АЗ АЗАЛ ДАР ТОРУ ПУДИ МИЛЛАТИ САРБАЛАНДИ МО СИРИШТА ШУДААСТ

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ**

**шаҳри Душанбе, 28-уми майи соли 2024**

**Рафиқон генералҳо ва афсарону сарбозони Қӯшунҳои сарҳадӣ!**

**Муҳтарам намояндагони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ!**

Мардуми Тоҷикистони озоду соҳибихтиёри мо имрӯз сиюмин солгарди таъсиси Қӯшунҳои сарҳадии худро, ки самараи даврони истиқлоли Ватани маҳбубамон мебошад, дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ таҷлил менамоянд.

Ин санаи таърихӣ ва ҳамчунин, Рӯзи сарҳадбононро ба мардуми шарифи тоҷик, тамоми сарбозону афсарони далеру шуҷои Қӯшунҳои сарҳадӣ, хизматчиёни ҳарбии ҳамаи ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва ба ҳар яки шумо – ҳозирини гиромӣ самимона табрик мегӯям.

Мехоҳам бо ифтихору сарфарозӣ иброз намоям, ки дар тӯли сӣ соли сипаришуда марзбонони мо қарзи фарзандии худро дар ҳимояи марзҳои муқаддаси Ватан – Модар ва давлати соҳибихтиёри тоҷикон бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва бо шуҷоату далерӣ иҷро намуданд ва ин рисолати хешро ҷавонмардона идома дода истодаанд.

Ҷойи ифтихор аст, ки барои тоҷикон ҳамчун яке аз миллатҳои бостонии дунё ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим мафҳумҳои «замин», «марз» ва «Ватан» аз ҷумлаи унсурҳои муқаддас ва ҳаётан муҳим будааст. Марздориву марзбонӣ барои тоҷикон ба ҳадде азизу пурарзиш будааст, ки ҳатто фарзандони худро бо ифтихор Марздору Марзбон ном мегузоштаанд. Масалан, насабномаи пешвои мазҳаби аҷдодии мо Имоми Аъзам нишон медиҳад, ки номи бобокалони ӯ Марзбон будааст. Ин ном на танҳо гувоҳи тоҷик будани Имом Абӯҳанифа ибни Нуъмон ибни Собит ибни Марзбон мебошад, балки баёнгари то чӣ андоза арзишманд будани ин мафҳум дар миёни тоҷикон аст, ки гузаштагони пири мазҳаби мо ҳанӯз дар асри ҳафтум номи фарзанди худро Марзбон гузоштаанд.

Аксари фарзандони қаҳрамону ҷонnисори халқи тоҷик, мисли Муқаннаъ, Шерак, Спитамен, Деваштич, Темурмалик, Восеъ ва даҳҳову садҳо нафари дигар, дар тӯли давраҳои гуногуни таърихи тоҷикон барои ҳимояи марзу буми сарзамини аҷдодӣ муборизаву ҷонnисорӣ кардаанд. Яъне, ҳимояи Ватан ва марзу буми он аз азал дар тору пуди миллати сарбаланди мо сиришта шудааст.

Чунонки борҳо изҳор доштаам, мо Артиши миллӣ ва Қӯшунҳои сарҳадии худро дар давраи ниҳоят ҳассосу мураккаби таърихи кишвар, бидуни таҳкурсиву шароити одитарину зарурии моддиву техникӣ, яъне амалан дар ҷойи холӣ, таъсис додем. Яъне, дар он айём мо на афсар доштем, на шароит барои ҷой кардани хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла сарҳадбонон ва на силоҳи ҷангиву техникаи ҳарбӣ.

Мо маҷбур будем, ки ин мушкилотро дар муддати бисёр кӯтоҳ бартараф намоем. Дар он солҳои ноорому фоҷиабор ба афсарону сарбозони Қӯшунҳои навтаъсиси сарҳадӣ зарур буд, ки якҷо бо дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳимояи осудагиву оромии давлат ва ҳифзи марзҳои тӯлонии кишварро таъмин намоянд.

Онҳо дар зарфи се даҳсола аз имтиҳону озмоишҳои вазнин, хусусан, дар солҳои аввали ташаккулёбии давлатдории миллиамон, бо матонат ва далериву мардонагӣ гузаштанд ва собит карданд, ки ба ҳимояи истиқлолу озодии Ватан, марзу буми сарзамин ва оромиву суботи давлату ҷомеа қодир мебошанд.

Қӯшунҳои сарҳадии мо аз аввали рӯзҳои таъсисёбӣ то имрӯз ҳамчун сохтори муназзаму муҷаҳҳаз дар хати пеши муқовимату мубориза бар зидди қочоқи силоҳу лавозимоти ҷангӣ, маводи мухаддир ва вайронкунандагони низоми сарҳади давлатӣ қарор доранд.

Мо имрӯз бо ифтихор иброз менамоем, ки Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар қатори дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат ба неруи тавонои ҳифзи марзҳои Ватан табдил ёфтаанд.

Тайи сӣ сол хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ аз қочоқчиён ва гурӯҳҳои ҷиноятпешаи фаромиллӣ дар хатти сарҳад зиёда аз 27 тонна маводи мухаддир, 1316 мил силоҳ ва 318 ҳазор адад муҳимоти ҷангии гуногунро мусодира кардаанд.

Бо дарки аҳамияти махсуси неруҳои сарҳадбон Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ доир ба фароҳам овардани заминаҳои муосири меъёрии ҳуқуқӣ, таҳкими асосҳои моддиву техникӣ, бунёду азнавсозӣ ва таҷҳизонидани инфрасохтори сарҳадӣ ва омодасозии мутахассисони касбӣ тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуд. Бахусус, бунёду азнавсозии иншооти сарҳадӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сарҳадбонон яке аз вазифаҳои муҳимтарин дар ин самт ба шумор мерафт.

Имрӯз бо қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки инфрасохтори Қӯшунҳои сарҳадӣ тадриҷан ба талаботи меъёрҳои замонавӣ мутобиқ гардонида шуд ва ин кор бомаром идома дорад. Ҳоло дар қаламрави кишвар 35 гузаргоҳи сарҳадии давлатӣ, 5 гузаргоҳи ҳавоӣ, 4 гузаргоҳи роҳи оҳан, 25 гузаргоҳи автомобилӣ ва як гузаргоҳи дарёӣ фаъолият дорад. Аз ин шумора 25 гузаргоҳи сарҳадӣ дорои мақоми байналмилалӣ ва 10 гузаргоҳ дуҷониба мебошад.

Дар давоми панҷ соли охир дар ташкили фаъолияти гузаргоҳҳои сарҳадӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Ҳоло барои фаъолияти муътадили мақомоти давлатии назорати хати сарҳад ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ тамоми шароити зарурӣ ва муосир фароҳам оварда шудааст.

Солҳои охир бо иқдомоти Ҳукумати мамлакат ва дастгирии шаҳрвандони ватандӯст шароити қисмҳои низомӣ ва дидбонгоҳҳо ба талаботи замон мувофиқ гардонида, 120 дидбонгоҳи нав бунёд ва даҳҳо дидбонгоҳи сарҳадӣ таъмиру таҷдид карда шуданд. Танҳо соли 2023-юм 75 иншооти сарҳадӣ бо шароити беҳтарини зиндагиву хизмат бунёд ва ба истифода дода шуд.

Умуман, дар зарфи сӣ сол барои Қӯшунҳои сарҳадӣ 505 иншоот бунёд карда шуд, ки ҳамаи онҳо бо шароити зарурӣ таъмин мебошанд. Яъне, имрӯз барои марзбонон тамоми шароити мусоиди пеш бурдани хизмат, зиндагӣ, машқу таҳсил, истироҳат ва варзиш муҳайё мебошад.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ зикр намоям, ки дар ин кор саҳми соҳибкорони бонангу номуси ватанӣ низ бисёр арзишманд аст ва бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи онҳое, ки дар ин барномаи миллӣ саҳм гузоштанд, миннатдорӣ баён мекунам. Яъне, соҳибкорони мо акнун аз сатҳи кумаку хайрияҳои маҳдуд баромада, дар ҳимояи марзу буми Ватан низ саҳм мегузоранд.

Таъмини Қӯшунҳои сарҳадӣ бо техникаи ҳарбӣ низ сол ба сол беҳтар ва маблағгузорӣ ба ин мақсад мунтазам зиёд шуда истодааст.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат ба ҷасорату далерӣ ва хизмати содиқонаву софдилонаи хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳамеша арҷ мегузорад ва ҳамасола онҳоро бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои низомӣ сарфароз мегардонад.

Дар муддати сӣ сол 500 нафар хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар беш аз 2000 оилаи хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо манзили истиқоматӣ таъмин карда шуда, раванди беҳсозии шароити зисти сарҳадбонон аз ҷониби Ҳукумати мамлакат минбаъд низ идома дода мешавад.

Субҳи имрӯз ҷиҳати бунёди 7 бинои 16-ошёна барои оилаҳои хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ санги асос гузошта шуд.

Ҳукумати мамлакат ва мардуми Тоҷикистон шуҷоату фидокорӣ ва хизматҳои шоёни фарзандони бонангу номуси Ватанро, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ҷони худро аз даст додаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Бо дарназардошти авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳон Ҳукумати мамлакат ва роҳбарияти Қӯшунҳои сарҳадиро зарур аст, ки барои боз ҳам беҳтар намудани шароити зиндагиву хизмат, омода намудани кадрҳои ҷавон ва таъмини ҷузъу томҳо бо техникаву таҷҳизоти махсус мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Дар ин раванд, баланд бардоштани сатҳи касбияти афсарону сарбозон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар фаъолияти роҳбарият ва ҳайати фармондеҳӣ мебошад.

Масъалаи омода кардани мутахассисони огоҳу донишманд ва сарбозону афсарони забондонро махсус таъкид менамоям, зеро ҳар рӯз тавассути роҳҳои заминиву ҳавоӣ ба Тоҷикистон меҳмонону сайёҳони зиёд ворид мешаванд ва шумораи онҳо сол ба сол афзуда истодааст. Баробари дохил шудан ба қаламрави мамлакат аввалин касе, ки онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, маҳз сарҳадбон мебошад ва ин ҳолат дар ташаккули тасаввуроти аввалини онҳо дар бораи кишвар ва миллати мо хеле муҳим аст.

Ҳамзамон бо ин, таъкид бояд кард, ки муҳимтарин масъала дар ҷузъу томҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Қӯшунҳои сарҳадӣ, риояи бечунучарои оинномаҳои ҳарбӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва боз ҳам мустаҳкам намудани интизоми ҳарбӣ мебошад.

Ҳукумати мамлакат ба масъалаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ ва содиқу ватандӯст, хусусан, кадрҳои сарҳадбон, эътибори аввалиндараҷа медиҳад. Тайи сӣ соли сипаригардида, дар маҷмӯъ, беш аз 3500 нафар ҷавонон донишкадаҳои олии сарҳадиро дар дохил ва хориҷи кишвар хатм намуда, ҳоло дар Қӯшунҳои сарҳадӣ содиқона хизмат карда истодаанд. Ҳоло дар донишкадаҳои олии сарҳадии дохил ва хориҷи кишвар зиёда аз 800 нафар ҷавонони мо таҳсил доранд.

Бо вуҷуди ин, таъкид менамоям, ки тадбирҳои то имрӯз андешидашуда, бо дарназардошти торафт мураккаб гардидани вазъи минтақа ва ҷаҳон, моро қонеъ гардонида наметавонанд. Аз ин лиҳоз, роҳбарияти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Қӯшунҳои сарҳадӣ вазифадор карда мешаванд, ки корро дар самти мукаммал гардонидани ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо кадрҳои баландихтисос боз ҳам беҳтар ба роҳ монанд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки дар заминаи Донишкадаи олии сарҳадӣ курсҳои такмили ихтисос ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ташкил карда, шумораи ҳар чӣ бештари афсарон ба ин курсҳо фаро гирифта шавад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти талаботи замонаи пешрафти техникаву технологияҳо ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисосе, ки қобилияти истифодаву идора кардани таҷҳизоту воситаҳои навтарини сарҳадбониро дошта бошанд, бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шумо хуб медонед, ки вазъияти ҷаҳони имрӯза ниҳоят мураккаб буда, бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, ба ҷомеа ва давлатдории мо низ бетаъсир намемонанд.

Вазъи ҷаҳонро, инчунин, торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, марҳалаи нави «ҷанги сард», қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳориҳои муташаккили фаромиллӣ мураккабу пешгӯинашаванда гардонида истодааст. Дар чунин вазъияти печида масъулияти ҳамаи сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хусусан, марзбонон, даҳчанд меафзояд. Онҳо бояд беш аз ҳар вақти дигар зираку ҳушёр бошанд ва омодагии худро ҳамеша дар сатҳи баланд нигоҳ доранд.

Дар баробари ин, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадиро зарур аст, ки ҳамкории худро бо ҷузъу томҳои марзбонӣ таҳким бахшида, барои устувории хати сарҳади давлатӣ чораҳои муштараки ҳамоҳангшударо амалӣ созанд.

Дар шароити баамаломадаи кунунӣ корро тавре ба роҳ бояд монд, ки аз сарбози қаторӣ сар карда, то афсарони баландрутба бояд дорои сатҳу салоҳияти баланди касбӣ бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, ба Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон содиқ бошанд. Марзбонони далеру шуҷои мо бояд хуб дарк намоянд, ки хизмати содиқона ба Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, инчунин, ҳимояи марзу буми он мероси гаронбаҳои аҷдоди сарбаланди мо ба ҳисоб меравад.

Ҳимояи амнияти давлат, оромиву суботи ҷомеа ва зиндагии осудаву заҳмати созандаи ҳар як шаҳрванди мамлакат рисолати шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандиву ҷавонмардонаи ҳар як низомӣ, аз ҷумла сарҳадбонон, мебошад.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки ҳар як хизматчии ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ садоқати худро ба Ватан – Модар бо хизмати шоиста, такмили пайвастаи донишу малакаи касбӣ, маданияти баланди шаҳрвандӣ, ҷаҳонбинии солим, зиракиву ҳушёрӣ, ҷасорату далерӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва аз ҳама боло гузоштани манфиатҳои давлату миллат собит менамояд.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки шумо – марзбонони шуҷоъ дар ҳифзи марзу буми Ватан ва давлати соҳибихтиёри тоҷикон рисолати сарнавиштсоз доред. Ба шумо дар иҷрои ин рисолати басо мушкил, вале бошарафу пурифтихор барори кор мехоҳам.

Бори дигар ҳар яки шумо – муҳофизони шуҷои марзу буми Ватан ва ҳамаи ҳамватанони азизамонро ба ифтихори сисолагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустӣ, хонаи обод, иродаи қавӣ ва хизмати бошарафона орзу менамоям.

**Ҷашн муборак, ҳомиёни далеру шуҷои марзҳои Ватан!**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 422375 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №5 ба номи «Парасту» | Таъмири боми бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.06.2024 16:50:00 |
| 2 | 422376 | Муассисаи таҳсилоти умумии «Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.06.2024 17:00:00 |
| 3 | 422365 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қисми кӯча дар шафати кӯчаи ба номи Камоли Хуҷандӣ дар шаҳри Хуҷанд (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат: 1375 м²) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.06.2024 15:08:58 |
| 4 | 422366 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Матоъҳои парда ва лавозимот барои истеҳсоли пардаҳои асосӣ барои иншооти «Азнавбарқароркунии қалъа дар «Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Мол | 12 | 14.06.2024 15:13:50 |
| 5 | 422367 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қисми ҳарбии 0214-и отряди сарҳадии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои лоиҳавӣ, муҳандисӣ-геологӣ ва топографӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 14.06.2024 15:19:00 |
| 6 | 422368 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои мактаб-интернати махсус барои кӯдакони нуқсондор (кару гунг), воқеъ дар микроноҳияи 18-уми шаҳри Хуҷанд. 2-ошёнагӣ (корҳои лоиҳавӣ, муҳандисӣ-геологӣ ва топографӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 14.06.2024 15:23:33 |
| 7 | 422369 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 480 хонанда дар назди МТМУ №37-уми шаҳри Истаравшан (идомаи корҳои сохтмонии буғхона ва бинои блокҳои Б-В-Г: корҳои заминӣ ва оҳанубетонӣ, насби конструксияҳои металӣ, таҷҳизоти барқӣ ва васлу насби дару тирезаҳои алюминӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.06.2024 15:32:12 |
| 8 | 422370 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони манораи равшанидиҳанда дар ҳудуди Муассисаи давлатии «Варзишгоҳи 20-солагии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд (корҳои заминӣ ва оҳанубетонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.06.2024 15:40:40 |
| 9 | 422371 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар назди МТМУ №30-юми деҳаи Ҷавкандаки шаҳри Истаравшан (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои заминӣ, гидроизолятсионӣ, оҳанубетонӣ ва насби шифтҳои болопӯш) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.06.2024 15:45:45 |
| 10 | 422373 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Нуриҳои минералӣ, химикатҳои заҳрнок, инсетисид ва тубак барои гул | Озмуни кушод | Мол | 12 | 14.06.2024 16:38:13 |
| 11 | 422374 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ, тухмии гул ва нуриҳои минералӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 14.06.2024 16:46:12 |
| 12 | 422377 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, барқӣ, шустушӯйӣ, асбобҳои рӯзгордорӣ ва сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 85 | 14.06.2024 17:20:00 |
| 13 | 422379 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ дар бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 14.06.2024 18:05:00 |
| 14 | 422409 | Муассисаи давлатии «Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гул | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.06.2024 09:00:00 |
| 15 | 422413 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Лавозимоти корӣ ва рӯзгордорӣ, масолеҳи сохтмон, таҷҳизоти корӣ, картриҷ ва корти хотира | Озмуни кушод | Мол | 51 | 17.06.2024 09:50:55 |
| 16 | 422411 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №6» | Маҳсулоти чопӣ: бланкаҳои тиббӣ, журнал, молҳои канселярӣ, барқӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 44 | 17.06.2024 10:15:25 |
| 17 | 422412 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №3» | Маҳсулоти чопӣ: бланкаҳои тиббӣ, журнал, молҳои канселярӣ, барқӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 43 | 17.06.2024 10:20:15 |
| 18 | 422416 | Агентии обуҳавошиносӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 17.06.2024 11:05:45 |
| 19 | 422419 | Бонки миллии Тоҷикистон | Оргтехника, таҷҳизоти барқӣ, аксбардор (панел) | Озмуни кушод | Мол | 23 | 17.06.2024 11:20:00 |
| 20 | 422372 | Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи ҷумҳуриявии кӯдаконаи дилу тарбоди «Ҳушёрӣ» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 12:10:00 |
| 21 | 422381 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 63 | 17.06.2024 12:50:50 |
| 22 | 422380 | Беморхонаи клиникавии №1-и шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 17.06.2024 13:00:00 |
| 23 | 422421 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Мебел барои мактаб | Озмуни кушод | Мол | 4 | 17.06.2024 13:20:00 |
| 24 | 422422 | Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси идораи маориф»-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 13:30:00 |
| 25 | 422382 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 55 | 17.06.2024 13:33:31 |
| 26 | 422423 | Агентии обуҳавошиносӣ | Кор оид ба системаи обёрӣ дар ҳудуди Агентии гидрометеорологияи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 14:00:00 |
| 27 | 422424 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Таъмири бино ва ободонии гирду атрофи оромгоҳи «Меҳробод», «Сариосиё» ва «Марказӣ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 14:00:00 |
| 28 | 422425 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ ва шинаҳои автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 17.06.2024 14:20:00 |
| 29 | 422428 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» | Масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.06.2024 14:40:00 |
| 30 | 422429 | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ» | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ ва лавозимот барои компютери фардӣ | Озмуни кушод | Мол | 42 | 17.06.2024 14:45:00 |
| 31 | 422407 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №18»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 17.06.2024 14:48:48 |
| 32 | 422383 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Гипохлориди калсий | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.06.2024 14:55:55 |
| 33 | 422384 | Муассисаи давлатии «Таваллудхонаи шаҳрӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 17.06.2024 14:55:55 |
| 34 | 422385 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 23 | 17.06.2024 14:55:55 |
| 35 | 422403 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.06.2024 14:55:55 |
| 36 | 422404 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 30 | 17.06.2024 14:55:55 |
| 37 | 422431 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.06.2024 15:00:00 |
| 38 | 422386 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгорӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Таъмири боми бинои хобгоҳи муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 39 | 422387 | Беморхонаи физиотерапевтии «Ғӯлакандоз» дар вилояти Суғд | Таъмири куллии бинои шуъбаи ҷарроҳии беморхона | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 40 | 422388 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Корҳои ҷудокунӣ ва васлкунии лифти одамкашонӣ барои 8 нуқтаи истгоҳ дар бинои беморхона | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 41 | 422389 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Гулҳои шукуфта | Озмуни кушод | Мол | 3 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 42 | 422390 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони боистеъдод» дар шаҳри Бӯстон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 43 | 422391 | Муассисаи давлатии «Маркази стоматологӣ»-и шаҳри Панҷакент | Лавозимоти тиббӣ ва стоматологӣ | Озмуни кушод | Мол | 29 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 45 | 422392 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 46 | 422393 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 47 | 422394 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қисми ҳарбии 0214-и Отряди сарҳадии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (азнавбарқароркунии чоҳи амудӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 48 | 422395 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони «Маркази фарҳангию фароғатӣ» дар деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои оҳанубетонӣ ва насби шифтҳои болопӯш бо такягоҳ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 49 | 422396 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳҳои ҳудуди ҶСК «Таъминоти моҳӣ»-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 3100 м²) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 50 | 422397 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатӣ дар назди Муассисаи давлатии вилоятии «Қасри маданияти «Арбоб» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои ободонии роҳравҳо бо санги хоро ва корҳои намои дарвоза бо сангҳои травертин) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 51 | 422398 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагии «Маркази клиникавии эндокринологӣ ба номи Ҷаҳон Набиев»-и вилояти Суғд, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, 5-ошёнагӣ (корҳои лоиҳавӣ, муҳандисӣ-геологӣ ва топографӣ) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 52 | 422399 | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сохтмони ҳоҷатхона дар марказ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.06.2024 15:15:15 |
| 53 | 422400 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон | Насоси чоҳи ғарқшаванда | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.06.2024 15:15:55 |
| 54 | 422401 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.06.2024 15:15:55 |
| 55 | 422402 | Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Меҳмонхонаи Суғдиён» дар шаҳри Хуҷанд | Мошини қаҳва | Озмуни кушод | Мол | 1 | 17.06.2024 15:15:55 |
| 56 | 422410 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Масолеҳи сохтмонӣ, маводи хоҷагидорӣ, сим, генератори дизелӣ, мошини роҳбурӣ (дастгоҳи фрезер), ролики (каток) ларзиши дизелӣ ва триммер | Озмуни кушод | Мол | 14 | 17.06.2024 15:55:55 |
| 57 | 422405 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №27»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 17.06.2024 18:55:55 |
| 58 | 422406 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №27»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 45 | 17.06.2024 18:55:55 |
| 59 | 422420 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №66» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 38 | 18.06.2024 12:00:12 |
| 60 | 422426 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №95»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 18.06.2024 13:40:41 |
| 61 | 422427 | КВД «Сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав | Сохтмони шабакаҳои дохилӣ ва обу корезии кӯчаҳои маркази ноҳия | Озмуни кушод | Кор | 1 | 18.06.2024 14:25:00 |
| 62 | 422417 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ» дар шаҳри Кӯлоб | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 19.06.2024 11:13:04 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0099816, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҷамоати деҳоти Саталмуш 16-уми ноябри соли 2005 таҳти №52 ба сокини Чорбоғи ноҳияи Балҷувон Иброхимов Махмасаид додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТК № 0045384-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб соли 2010 бо қайди 2197 ба Қаюмов Баҳодур Бекмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи № 0532582, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 17-уми апрели соли 2012 ба Ахмедов Комил Ахмедович (РМА 606458594, РЯМ 6030144313) додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри чоркунҷаи гумшудаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Рашт эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ҶТ №0165459, ки онро Литсейи касбӣ-техникии сохтмонии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Иноятов Муродҷон Муҳибович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Боймуротов Намоз Юлдошович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи АБ №086119, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №60-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2000-ум ба Мустаҷобова Мухайё Қиргизбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0004170, ки онро МТМУ №108-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2014 ба Сабзаев Рамазон Баҳодурович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1128186, ки онро Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 ба Раҳмонзода Шоҳбози Маҳмаюсуф додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилнома (ордер)-и гумшудаи №05939, ки онро Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои халқи шаҳри Душанбе 29-уми августи соли 1968 таҳти қарори №30 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 75/4, хонаи 42 ба Назаров Мирзо додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО №0153196-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ соли 2013 бо қайди 2444 ба Бобоев Умедҷон Раҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшудаи № 0113469, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент 6-уми майи соли 2014 ба Дияров Умид Фахриддинович (РМА 605708213, РЯМ 6030087929) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №1371519 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2022 ба Назаршоев Асадуллоҳ Фарухрузович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиноснομаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Низомии Ганҷавӣ, бинои 464/3, хонаи 31 ба Зарипов Рустам Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1-уми ноябри соли 2017 таҳти феҳрасти 8Ш-3954 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Низомии Ганҷавӣ, бинои 464/3, хонаи 31 ба Зарипов Рустам Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Низомии Ганҷавӣ, бинои 464/3, хонаи 31 ба Зарипов Рустам Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25-уми августи соли 2023 таҳти феҳрасти №1-6052 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 21/8, хонаи 75 ба Саидова Зарина Аҳмадҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 21, хонаи 11 ба Азизова Нигина Маҳмадалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 21, хонаи 12 ба Азизова Нигина Маҳмадалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 21, хонаи 14 ба Азизова Нигина Маҳмадалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ якуми марти соли 2016 ба ҶДММ «Наҷибулло 96» (РМА 120041532, РЯМ 1210011330) додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Аломати зебо» (РМА 030034269, РЯМ 0310022378), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 6-уми октябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Муассисаи «Рӯзномаи Донишварз» (РМА 220006407, РЯМ 2210002869), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Данғара соли 2013 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Сайри Билол» (РМА 020054842), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводи низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 29 майи соли 2024, соати 14:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35055 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Курбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97